**ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-050, назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба диссартатсияи Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович дар мавзуи «Мукаммалгардонии технологӣ ва воситаҳои техникӣ ҳангоми истифодаи танзимкунандаҳои сабзиш дар токзор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ)**

**Мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз руйи он ба шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи дисссертатсияҳо иҷозат дода шудааст.** Диссертатсияи Масаидов Ҷ.Ғ. дар мавзуи "Мукаммалгардонии технологӣ ва воситаҳои техникӣ ҳангоми истифодаи танзимкунандаҳои сабзиш дар токзор" таҳти роҳбарии доктори илмҳои кишоварзӣ, дотсент Рашидов Наим Ҷлолович ва мушовири илмӣ доктори илмҳои техникӣ, сарходими илм Буҳодуров Шукрулло Бурҳонович иҷро карда шудааст.

Диссертатсия дар асоси нақшаи мавзуи корҳои илмию тадқиқотии кафедраи агротехнология ва экологияи саноати Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ дар вилояти Суғд ва хоҷагии деҳқонии Холиқов С. таҳти унвони "Мукаммалгардонии равандҳои техникию технологии истеҳсол, нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ" таълиф шудааст.

Диссертатсия аз руйи мавзуъ ва муҳтаво ба ихтисосҳо ва соҳаҳои илмӣ мувофиқат мекунад. Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-050 ҳуқуқ дода шудааст, ки онро барои ҳимоя қабул кунад.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда, ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқи диссертатсионӣ дар доираи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) ва ҳуҷҷати расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (илмҳои техникӣ), тибқи бандҳои зерин гузаронида шудааст:

2. Коркарди назария ва усулҳои таъсири технологӣ ба муҳити зист ва объектҳои (хок, наботот, ҳайвонот, ғалла, шир ва ғайра) истеҳсолоти кишоварзӣ.

3. Пешбинии прогресси техникӣ дар технология ва асоснок кардани системаи машинҳо барои ҷорӣ намудани онҳо.

4. Коркарди технологияи оперативӣ ва равандҳои зироаткорӣ, чорводорӣ ва гидромелиоратсия.

5. Кор карда баромадани усулҳои баланд бардоштани эътимоднокӣ ва самаранокии равандҳои истеҳсолот, истифодаи агрегатҳо, звеноҳо, комплексҳои технологӣ ва хатҳои (линии) истеҳсолӣ, ба вуҷуд овардани шароити бехавфу муътадили меҳнат, риояи талаботи муҳофизати меҳнат.
6. Омӯхтани шароипт кори машинҳои кишоварзӣ ва мелиоративӣ, агрегатҳо, ҷузъҳои алоҳидаи корӣ ва дигар воситаҳои механиконии равандҳои технологии истеҳсолоти кишоварзӣ, аз ҷумла истифодаи сӯзишвории алтернативӣ.
7. Кор карда баромадани усулҳои оптимитзатсияи параметрҳои лоиҳавӣ ва реҷаҳои кори системаҳо ва воситаҳои техникии зироаткорӣ ва чорводорӣ аз рӯйи меъёрҳои самаранокӣ ва сарфаи ресурсҳои равандҳои технологӣ.
9. Тадқиқоти агрономӣ ва зоотехникии равандҳои технологӣ, параметрҳо ва реҷимҳои кори мошинҳои кишоварзӣ ва мелиоративӣ, органҳои корӣ, таҷҳизоти технологӣ ва дигар воситаҳои механиконии зироаткорӣ ва чорводорӣ.
10. Кор карда баромадан ва такмил додани усулҳо, воситаҳои санҷиш, назорат ва идоракунии сифати кори воситаҳои механиконии равндҳои истеҳсолот дар зироаткорӣ ва чорводорӣ.

Диссертатсияи Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович барои саҳм гузоштан дар таъмини амнияти озуқаворӣ, ки ҳадафи сеюми стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" дар асоси муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҶТ "Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иктисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Душанбе, 2016), Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ" (АМОҶТ с.2012., №4, мод.272) ва мутобиқи ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар, ки дар паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баён шудаанд, мусоидат мекунад.

Такмил ва тағйироту иловагиҳо даровардан ба сохтори олотҳои пошдиҳӣ ва пошакҳо, мувофиқи шароити токзорҳои ҷумҳуриамон равона карда шудааст. Таҳия кардани меъёр ва реҷаи корӣ, сохтори таҷҳизот барои дорупошак, мукаммалгардонии низоми ҷойгиркунии пошакҳо, масофаи байни насби онҳо ва интихоби технологияи пошдиҳии маҳлулҳои обии танзимкунандагони сабзиш, ки яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад бахшид шудааст.

**Оид ба мукаммал иньикос ёфтани муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб.** Мухтавои кори диссертатсионӣ дар 17 мақолаи илмӣ мукаммал инъикос ёфтаанд. Дар мақолаҳои чопшуда натиҷаи

тадқиқоти илмӣ доир ба омӯзиши таъсири амсиласозии математикии сохти таҷҳизот ба дорупошак бо вобастагиҳои реҷаи корӣ, вобастагии таҳлилии ҳаракати маҳлули обии танзимкунандагони сабзиш дар равиш то девораҳои коркардшаванда, мувофиқати қисми зиёди маҳлул барои пурра девораи амудиро рӯйпӯш намудан ва фоизи ҳосилнокиро баланд кардан натиҷаҳо оварда шудааст.

**Дар бораи иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия.** Доир ба мавзуи диссертатсия 17 номгӯйи таълифоти илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсионӣ, ки аз онҳо 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА ҶТ тавсияшаванда, 1 мақолаи дар маҷаллаи байналмилалии тақризшавандаи СКОПУС, 9 мақола дар конфронсҳои байналмиллалию ҷумҳуриявӣ ва 2 нахустпатент нашр гардидааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқоте, ки дар асоси қисми таҷрибавии кор ба даст оварда шудаанд, эътимодноканд, зеро таққиқот дар сатҳи баланди методӣ истифода аз методикаҳои аз ҷониби ҳамагон қабулшуда ва махсус, дар муайянкунии ҷараёни пошдиҳии маҳлули обӣ, сарфаи он ва таъсир ба самаранокии ток гузаронида шуданд, ки дурустии намояндагии маводи аввалияро муайян мекунад. Дар ҷараёни таҳқиқот санҷиш ва тасвиби амалии натиҷаҳои бадастомада гузаронида шудаст. Коркарди маводи рақамии дар рафти таҷрибаҳо ба даст овардашуда дар асоси методҳои оморӣ ва математикии таҳлил истифода аз барномаи компютерии Microsoft Excel анҷом дода шуд мебошад.

**Вобаста ба масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия ба шуро.** Диссертатсияи Масаидов Ҷ.Г. дар мавзуи "Мукаммалгардонии технологӣ ва воситаҳои техникӣ ҳангоми истифодаи танзимкунандаҳои сабзиш дар токзор", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки ба диссертатсияи доктори фалсафа (PhD) пешбинӣ шудааст, мувофиқат мекунад.

Диссертатсия ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз руйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) пешниҳод карда мешавад.

**Пешниҳоди муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар.** Комиссия дар асоси банди 69 "Низомномаи Тартиби додани дараҷалои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 барои таъин кардани муқарризони расмӣ, чунин пешниҳод менамояд:

1. **Аҳмадзода Баҳромҷон Раҷаб,** доктори илмҳои техникӣ, дотсент аз рӯи ихтисоси 05.02.01 – Технологияҳо ва воситаҳои механиконии соҳаи кишоварзӣ, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев.
2. **Амиров Нуридин Ризвонович,** номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 05.02.01 – Технологияҳо ва воситаҳои механиконии соҳаи кишоварзӣ, дотсенти кафедраи хизматрасонии техникӣ ва таъмири мошинҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур.

Ба сифати муассисаи пешбар Маркази илмии технологияҳои инноватсионӣ ва механиконии кишоварзии Академияи илмии кишоварзии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

**Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи ва Муассиса.** Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон тавсия дода мешавад.

**Нашр ва паҳнкунии автореферат ва паҳлӯҳои дигари арзёбии диссертасия.** Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертии диссертатсияи Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович дар мавзуи "Мукаммалгардонии технологӣ ва воситаҳои техникӣ ҳангоми истифодаи танзимкунандаҳои сабзиш дар токзор" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D080600 – техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Масаидов Ҷамшедҷон Ғуфронович дар мавзуи "Мукаммалгардонии технологӣ ва воситаҳои техникӣ ҳангоми истифодаи танзимкунандаҳои сабзиш дар токзор" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D080600 – Техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – Технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D080600 – Техникаи аграрӣ ва технология (6D080601 – Технология ва васоити механиконии кишоварзӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Аҳмадзода Баҳромҷон Раҷаб,** доктори илмҳои техникӣ, дотсент аз рӯи ихтисоси 05.02.01 – Технологияҳо ва воситаҳои механиконии соҳаи

кишоварзӣ, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев.

- **Амиров Нуридин Ризвонович**, номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 05.02.01 – Технологияҳо ва воситаҳои механиконии соҳаи кишоварзӣ, дотсенти кафедраи хизматрасонии техникӣ ва таъмири мошинҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур.
- Ба сифати муассисаи пешбар Маркази илмии технологияҳои инноватсионӣ ва механиконии кишоварзии Академияи илмии кишоварзии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

3. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
**доктори илмҳои техникӣ, дотсент** _______________ **Амонзода И.Т.**

**Аъзоёни комиссия:**
**доктори илмҳои техникӣ** _______________ **Икромӣ Х.И.**

**доктори илмҳои техникӣ, дотсент** _______________ **Юлдашев З.Ш.**

**Имзоҳо дурустанд:**
**Котиби илмии Шурои диссертатсионии 6D-КОА-50, номзади илмҳои техникӣ** _______________ **Олимбойзода П.А.**

**Имзои н.и.т., П.А. Олимбойзода-ро тасдиқ мекунам. Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назорат** _______________ **Раҳмутулло Нусратулло**

ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН * ДОНИШГОҲИ ... ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА
РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ, ДЕЛОПРОИЗВОДСТВА И КОНТРОЛЯ

18 04 2025.